**_ТАҚРИЗ_**

**_ба автореферати диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар дар мавзуи «Таҳлили нарратологии романи тоҷик (дар мисоли «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик). – Душанбе, 2025._**

Илми адабиётшиносӣ пайванди адабиёт бо воқеияти иҷтимоии замонро мавриди пажӯҳиш қарор дода, ҷиҳати фаҳму дарки муаммоҳои адабию илмӣ мусоидат менамояд. Дар ҳамаи давраҳои таърихӣ ва дилхоҳ сохти идорӣ адабиёт қудрати тафаккурсозӣ дошта, аз ҷумлаи қавитарин шаклҳои шуури ҷамъиятӣ буда, дар баланд бардоштани ҳувияти миллӣ ва боло бурдани завқи бадеию эстетикии ҷомеа яке аз воситаҳои асосист. Аз ҷониби дигар, адабиёти бадеӣ ва нақди адабӣ дар ҷараёни робитаи дуҷониба ташаккул ва рушд ёфта, дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ афкори танқидӣ ва бинишу таассуроти хонанда оид ба матни асари бадеӣ масъулият ва назари нависандаро дигаргун созад. Кори таҳқиқии Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар ба таҳқиқи маҳз ҳамин гуна масоили муҳим иртибот дошта, на танҳо аҳаммияти назарӣ, балки ҷанбаи қавии амалӣ дар коргоҳи эҷодии адибон дорад. Дар ин кори таҳқиқӣ дар мисоли таҳлили романи «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод бар асоси назарияи нарраталогӣ робитаи дуҷонибаи матни бадеӣ ва нақди адабӣ таъин ва баррасӣ шудааст. Аҳмадзода Ф.Ф. бар ин назар аст, ки «Бо татбиқи усули ин равиши таҳлил бар осори бадеӣ, махсусан дар адабиёти муосир, метавон байни нависанда ва мунаққиди адабӣ роҳе барои муколамаи судманд кушод, ки барои боло рафтани сатҳи адабиёт, воқеъбинона шудани нақди адабӣ, рушди тахассусии ҳам нависанда ва ҳам мунаққид пурра мусоидат менамояд» (автореферат, с. 3).

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки кори таҳқиқии мавриди назар аз муқаддима, се боб, понздаҳ фасл, ҳафт зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст.

Дар муқаддимаи автореферат аҳаммияти мавзуи таҳқиқ дар сатҳи зарурӣ асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ шарҳ ёфта, мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгонии кор ва аҳаммияти назарию амалии он дар шакли қобили таваҷҷуҳ ва мутобиқ ба меъёру талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ шудаанд. Сарчашмаи асосии таҳқиқи довталаби дараҷаи илмиро романи «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод ташкил дода, равишҳои таҳлиливу татбиқӣ, оморӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили равонковӣ ва ду равиши асосии таҳлили нарратологӣ такя карда шудааст.

Боби аввали диссертатсия – «Асосҳои нарратология ҳамчун назарияи муосири таҳлили матн» фарогири шаш фасл буда, дар ин фаслҳо матни бадеӣ аз дидгоҳи нарратология, равишҳои асосии таҳлили нарратологӣ, назарияи В. Шмид оид ба нависанда ва таносуби ӯ бо хонанда, ҳамчунин дар бораи ровӣ ва хонанда, назарияҳои дидгоҳ ва назарияи Ж. Женетт дар хусуси маърифати замон таҳқиқ гардидаанд. Суоле пеш меояд, ки чаро муаллифи диссертатсия суханро аз таҳлили нарратологии романи «Ҳайҷо» ҳусни оғоз набахшида, ба асосҳои нарратология ва назарияи он мутаваҷҷеҳ шудааст? Ба назари мо, чунин тарҳрезӣ шудани нақшаи кор ва ба масъалаҳои назарии таҳлили матн рӯй овардани диссертант мантиқан ва аз нигоҳи илмӣ комилан дуруст аст, чунки назарияҳои муосири таҳлили матн, хусусан, нарратологияро, ки дар адабиётшиносии тоҷик истилоҳи нисбатан нав аст, шарҳу тавзеҳ надода, мухтассоти онро баррасӣ накарда, ба таҳлили нарратологии романи «Ҳайҷо» пардохтан чандон шоиста нест.

Бобҳоии дуюм ва сеюми диссертатсия, ки «Таҳлили нарратологии романи «Ҳайҷо» ва «Сохтори замонии романи «Ҳайҷо» ва хусусиятҳои асосии он» номгузорӣ шудаанд. Дар боби дуюм масъалаҳои марбут ба ҷойгоҳи нависанда дар роман, робитаи байни нависанда ва хонанда, хусусиятҳои барҷастаи нарратор ва вижагиҳои истифода аз дидгоҳҳои мухталиф дар роман хеле муфассалу бо такя ба назариёти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва овардани шавоҳид таҳлилу баррасӣ шудаанд. Ба таҳлили сохтори ривоӣ ва замонии рисола муайян кардани сохтори замонии роман - ду хатти аслӣ (замони ҳозира ва замони гузаштаи таърихӣ) ва муқоисаи онҳо ба романи «Ҳайҷо» амиқии бештар бахшидааст.

Боби сеюм фарогири панҷ фасл буда, дар ин боб хатти замонии роиҷ дар роман, ноҳамоҳангиҳо дар хатти замонӣ, масъалаҳои эллипсису паралипсис ва ҳиҷрати нарративӣ накду таҳқиқ гардидаанд. Дар ҳар кадоме аз ин фаслҳо андешаҳои омӯзанда ва диди интиқодию истиқлоли андешаи диссертант ба мушоҳида мерасад, ки асоси кори илмист.

Дар корҳои илмӣ-таҳқиқии минбаъда ба нукоти зерин мутаваҷҷеҳ шудани довталаби дараҷаи илмӣ аз аҳаммият холӣ нест:

1. Ба назари мо, фаслҳои якуму дувуми боби дуюмро ба зерфаслҳо ҷудо намудан чандон зарурат надошт ва беҳтар мебуд, ки матолиби дар ин зерфаслҳо баёншудадар таркиби фаслҳо матраҳ мегардиданд.

2. Дар саҳифаҳои 4, 6, 8, 11, 13-и автореферати диссертатсия ба ҷойи «оид ба» шакли нодурусти он «оиди» истифода шуда, ҳамчунин, дар саҳифаи 20 ғалати имлоӣ дар «Иттиҳоди Шӯравӣ» ба назар мерасад.

Хурсандиовар аст, ки чунин камбудиҳо хусусияти ҷузъӣ дошта, ангуштшуморманд ва ба арзиши илмию муҳтавои кор таъсиргузор нестанд.

Дар умум, автореферати диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар дар мавзуи «Таҳлили нарратологии романи тоҷик (дар мисоли «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ,
директори Муассисаи давлатии
«Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии
фарҳанг ва иттилооти Вазорати
фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» Аминзода А.Ҳ.
«10» сентябри соли 2025.

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Фирдавсӣ 68, хонаи 49
Тел.: (+992) 907-62-63-46.
E-mail: raboni_81@mail.ru

Имзои Аминзода Абдулфаттоҳ Ҳакимро тасдиқ мекунам:
нозири кадри МД «Пажӯҳишгоҳи илмӣ-
тадқиқотиифарҳанг ва иттилооти Вазорати
фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» Холиқова М.И.

Нишонӣ: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 17
Тел.: (+992) 233-58-84.
E-mail: vfarhang98@gmail.com
«10» сентябри соли 2025.